**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён бинои таълимми 7**

# ТАҚРИЗ

## БА АВТОРЕФЕРАТИ РИСОЛАИ ИЛМИИ АҲМАДИ ЗОҲИДҶОН ДАР МАВЗӮИ "ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ" БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PHD) - ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС, ИХТИСОСИ 6D050900 – МОЛИЯ (6D050901 – МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛ ВА ҚАРЗ)

Яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити муосир ин таъмини иқтисодиёт бо сармоя ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки рушди иқтисоди воқеӣ аз такмили соҳаҳои марбути он вобастагии амиқ дорад. Аз ин ҷост, ки дар барномаҳои давлатӣ сармоягузорӣ ба ин ё он соҳа мавқеи махсус дорад. Баландбардории самараноки фаъолияти лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор рафта, метавонад инкишофи соҳаи сайёҳиро таъмин намояд. Таъмини молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ як раванди муҳим буда, вазъи молиявӣ-иқтисодӣ ва рақобатпазирии соҳаи сайёҳиро метавонад боло барад. Воқеан, дар ин замина метавонем зикр намоем, ки ҳадафи стратегии давлат ин роҳандозии сармоягузорҳои мустақим ва ғайримустақим ба иқтисоди воқеӣ маҳсуб ёфта, сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалитянок арзёбӣ мегардад. Ҷиҳати таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳӣ бояд мушкилиҳои ҷойдошта ҳалли худро ёбанд ва инфтрасохтори зарурӣ тахия карда шавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло мавзӯе, ки аз ҷониби Аҳмади Зоҳидҷон ҷиҳати таҳқиқот интихоб шудааст, барои рушду инкишофи иқтисодиёти миллии кишвар муҳим арзёбӣ гардида, мубрамияти он маълум аст. Аз автореферати рисолаи илмӣ маълум аст, ки диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда, феҳристи интишороти илмии муаллиф ва замимаҳо иборат аст. Автореферат тибқи талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст. Объект ва субъекти рисола дуруст интихоб гардида, вобаста ба самти мавзӯи таҳқиқотшаванда тартиб дода шудаанд. Чи тавре, ки аз автореферати мазкур дида мешавад, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то паҳлӯҳои назариявӣ-амалии мавзӯи интихобгардидаро ба таври васеъ ва саҳеҳ ба риштаи таҳқиқ кашад ва метавонем зикр намуд, ки дар ин самт муаллиф муваффақ низ гаштааст.

Аз автореферат ба назар мерасад, ки Аҳмади Зоҳидҷон ҳангоми пажӯҳиш рушду инкишофи соҳаи сайёҳиро тариқи сармоягузории он ба таври васеъ дида баромадааст. Инчунин, омилҳои ба ин раванд таъсиррасон ва бартарафкунии онҳо ба таври возеҳ баррасӣ гардидаанд, ки баҳои илмии рисоларо боз ҳам боло мебаранд. Гузашта аз ин, масъалаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ ва роҳу воситаҳои ҷалби онҳо дар рисола мавкеи муҳимро касб намудааст. Унвонҷӯ муаммоҳои ҷойдошта дар самти сармоягузории саноати сабукро муайян намуда, роҳҳои бартарафсозии онҳоро тавсия намудааст, ки ин метавонад дар рушди соҳаи мазкур нақши муҳим дошта бошад.

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ орӣ нест, ки ба ақидаи мо инҳоянд:

1. Барои хубтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки мубрамияти мавзӯъ таҷдиди назар гардад;
2. Расми 3, ки тартиби ташаккули фонди андӯхтро инъикос менамояд, ба таври зарурӣ таҳлил карда нашудааст.

Метавон зикр намуд, ки эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҷиҳати баланд бардоштани сифати автореферат баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, метавон қайд намуд, ки автореферати рисолаи илмии Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзӯи “Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) пешниход гардидааст, ба талаботҳои Низомномаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молияи ДДМИТ** **Зубайдов Ҷ.И.**

**Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.**
**Тел/факс: 931525522**
**E-mail: jonibek-010188@mail.ru**

**Имзои Зубайдов Ҷ.И-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

04.06.2025